# СУРАТМАҶЛИСИ № 62

## ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002

**29- уми июни 2021** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода элон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М., аъзои комиссияи ташхис Шарофзода Р.Ш. ва Гадоев Б.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд: - Элназаров Давлатшо Хоҷаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 12-уми октябри соли 2021 таъин карда шавад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**